«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
доктори илмҳои таърих, профессор
_____ Гаффорӣ Н. У.
«08» _____ соли 2021

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Назарзода Рустам Саидмурод дар мавзӯи «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ)

1. Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот

Маориф ҳамчун соҳаи калидӣ ва омили муҳим асоси пешрафт ва рушду нумӯи ҳар як давлату миллат ба ҳисоб рафта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Сиёсати маорифи дилхоҳ кишвар, ки инъикосгари манфиатҳои умумимиллӣ аст, бояд тамоюли умумии рушди ҷаҳониро ба назар гирад. Рушди ҳамаи ҷабҳаҳои ҷамъият, таъмини амнияти ҷомеаву давлат, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи самараноки техникаю технологияи навин бевосита аз рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот, умуман аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Омода кардани мутахассисони баландихтисоси дорои донишҳо ва малакаю маҳорати муайян барои саҳм гузоштан дар рушду нумӯи низоми кунунии иқтисодию иҷтимоии ҳар як кишвар, аз зумраи масъалаҳои муҳиммест, ки ҷомеаи муосири ҷаҳонии ба соҳаи маориф алоқаманд дар назди ҳамаи муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоташон гуногун гузоштааст. Бино бар ин, дар ҷаҳони имрӯза, яке аз вазифаҳои асосии ҳар як узви ҷомеаи ба низоми маориф алоқаманд, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилотро баланд бардоштани сифати таҳсилот ташкил медиҳад.

Масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои он аз доираи масъалаҳоест, ки ҳамчун ҳадафи стратегӣ ва вазифаи муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҳалли дуруст ва бомуваффақи он на танҳо барои рушди соҳаи маориф, балки тамоми соҳаҳо бисёр муҳим ва ногузир арзёбӣ мегардад. Даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи таҳаввулот ва азнавсозиҳои куллии маорифи кишвар ба ҳисоб рафта, дар он дар қатори пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, рушди соҳаи маориф низ баръало ба назар мерасад. Ҷорӣ намудани низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимтарини азнавсозӣ ва мукаммалгардонии низоми маорифи кишвар ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо, дар саросари ҷумҳурӣ қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии дахлдори кишвар маҳз тавассути низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли тестгузаронии педагогӣ роҳандозӣ мегардад. Ворид шудани низоми мазкур ба фазои таҳсилоти Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар самти татбиқи васеи усули тестгузаронӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ҳангоми гузаронидани санҷишҳои педагогӣ таккони ҷиддиеро бахшид. Натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ пойгоҳи маълумоти калонҳаҷм – манбаи маълумоти объективиеро дар бораи сатҳу сифати омодагии умумитаълимии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дараҷаи азхудкунии мундариҷаи фанҳои таълимӣ аз ҷониби онҳо ташкил медиҳанд, ки аз он метавон дар вақти арзёбии қиёсии сифати таҳсилот дар сатҳҳои гуногун ва пешгӯйии тамоюлоти ҳолатҳои имконпазир барои тақвияти асосноксозии қабули қарорҳои дахлдори оҷилию стратегӣ ба таври васеъ истифода бурд.

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот аз ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ, ки бевосита ба гузаронидани ислоҳоти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф алоқаманданд, маншаъ мегирад. Агарчи то ба имрӯз, аллакай ҷанбаҳои зиёди марбут ба арзёбии дастовардҳои таълимӣ ва сифати таҳсилот дар илми педагогика баёни худро ёфтаанд, аммо то кунун масъалаи арзёбии дастовардҳои таълимии хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо истифода аз усули тестгузаронӣ ба сифати мавзӯи мустақил мавриди таҳқиқот қарор дода нашудааст. Дар ҳамин радиф, маҳз масъалаҳои марбут ба омӯзиши низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва таҳлилу баррасии натиҷаҳои он дар арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии кишвар мавзӯи кори диссертатсионии унвонҷӯро дар шакли «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муайян намуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мавзӯи барои таҳқиқот интихобгардида дар марҳалаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика масъалаи басо муҳим ва ҷолиби диққат буда, таҳқиқи он барои ҳалли муаммоҳои мавҷуда оид ба татбиқи усули тестгузаронӣ дар раванди таълими зинаҳои гуногуни таҳсилот ва санҷишу арзёбии дастовардҳои таълимии толибилмон бозёфтҳои тозаи илмиро дастрас намуда, барои боз ҳам ғанӣ гардонидани назария ва илми педагогика мусоидат мекунанд.

2. Дастгоҳи илмии диссертатсия

Объекти таҳқиқоти кори диссертатсиониро раванди имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Унвонҷӯ **фарзияи таҳқиқотро** чунин муайян намудааст, ки агар саволу масъалаҳои тест ба мазмуни таҳсилоти миёнаи умумии фанҳои таълимӣ мувофиқ кунонида шуда, зимни гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ принсипҳои воқеият, шаффофият, адолат ва мустақилият таъмин карда шаванду ҳангоми андозагириҳои натиҷаҳо аз маълумот ва усулу воситаҳои илман асоснокшудаю самаранок истифода бурда шавад ва коркарду таҳлил, шарҳу тафсири натиҷаҳо ба методологияи муосири андозагириҳои педагогӣ такя намуда, маълумоти бадастмеомада барои гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъда низ имкон фароҳам оваранд, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ арзёбии дастовардҳои таълимии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриро бо эътимоди баланд таъмин менамоянд.

Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда ва санҷидани фарзияи пешниҳодшуда аз ҷониби унвонҷӯ чунин **вазифаҳои таҳқиқот** муқаррар карда шудаанд: омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методии марбут ба масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишаванда ва хулосабарорӣ аз онҳо; ошкор сохтани тамоюлоти асосии мукаммалгардонии усулҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ ва муайян кардани мавқеи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар низоми усул ва воситаҳои муосири арзёбии дастовардҳои таълимии омӯзандагон; ҷамъбастсозии маълумоти таҷрибавии аз рафти ташкилу баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бадастомада ва дар асоси коркарду таҳлили онҳо тавсифи дидактикӣ намудани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи муосири арзёбии дастовардҳои таълимӣ; таснифу мураттабсозии талаботи дидактикӣ ба абзорҳо, равандҳои шкалабандӣ ва шарҳу тафсири натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро қонунҳои диалектикии табиату ҷамъият, мувофиқати шаклу мазмун, инчунин қонуну қарорҳо, консепсияҳо, ки вобаста ба низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ташкил додаанд. Таҳқиқот ба якчанд корҳои бунёдӣ, ки ба масъалаҳои сифат ва моҳияти таҳсилот, арзёбӣ ва мониторинги сифати таҳсилот, меъёрҳои сифати дониши хонандагон, ташхиси педагогӣ, андозагириҳои педагогӣ ва квалиметрия, тестшиносӣ ва технологияи истифодаи онҳо, тестгузаронии педагогӣ ва ғайра бахшида шудаанд, такя кардааст.

Дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ чунин **усулҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ** истифода шудаанд: ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ ва иттилоотии бевосита ба мавзӯи таҳқиқот ва бахшҳои алоҳида он алоқаманд; омӯзиш ва баррасии таҷрибаи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои ба таҳқиқот дахлдор; ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва ба танзим даровардани маълумоти таҷрибавӣ; коркарди риёзию омории маълумоти таҷрибавӣ бо истифода аз усулҳои маъмул ва самаранок; ташхису таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои бадастомада ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои зарурӣ.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи худ, муаллиф **навгониҳои илмии** зеринро ба даст овардааст, ки боварибахш ва боэътимод буда, дар нуктаҳои зерин ифода гардидаанд: масъалаҳои марбут ба роҳандозии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бори нахуст дар таърихи низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст; мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми «сифати таҳсилот» мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, гунаи нисбатан мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ пешниҳод карда шудааст; усули тестгузаронии педагогӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самаранок ва муосиру ояндадори санҷиш ва арзёбии дастовардҳои таълимии омӯзандагон асоснок карда шудааст; дар асоси вижагиҳои хос низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун татбиққунандаи усули тестгузаронии педагогӣ дар равандҳои санҷишу арзёбиҳои дастовардҳои таълимии омӯзандагон асоснок карда шудааст; барои коркард ва таҳлили натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ду усули муаллифӣ: якум, баргардонидани холҳои тест ба баҳоҳои анъанавӣ ва дуюм, муқоиса кардани бузургиҳои ҳамгун таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки рисола метавонад ҳамчун сарчашмаи маълумоти назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «сифати таҳсилот», тест ва тестшиносӣ, навъ ва шаклҳои маъмули саволу масъалаҳои тест, тестгузаронии педагогӣ, бартарӣ ва камбудиҳои санҷиши тестӣ, усули тестгузаронии педагогӣ, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва сохтори онҳо, низоми имтиҳонҳои

марказонидаи дохилшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқотҳо аз ҷониби нафарони дахлдор истифода бурда шавад; хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти хоса мебошанд; тавсияю пешниҳодҳо оид ба ҳолати кунунии равияҳои марбут ба тестшиносӣ ва андозагириҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, дар сурати таъсис додани ихтисосҳо ва ё мактабҳои илмии дахлдор дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ва ё илмӣ, метавонанд ҳамчун замина ба назар гирифта шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки усулҳои риёзию омории интихобгардида ва методикаи истифодаи онҳо, бо шумули ду усули пешниҳоднамудаи муаллиф, метавонанд ҳангоми таҳлили натиҷаҳои тестгузарониҳои педагогӣ дар сатҳҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шаванд; равишҳои таҳлилию ташхисии истифодашуда метавонанд ҳамчун маводи методӣ ҳангоми тадриси машғулиятҳои амалии мувофиқ ба эътибор гирифта шаванд; шарҳу тафсири натиҷаҳои таҳлили маълумоти таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобилаи омӯзгорону омӯзандагон дар самти омодашавии хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун довталабони имконпазир барои бомуваффақият супоридани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба таври муносибтар ба роҳ монда шавад; натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзӯъҳои тестшиносӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои риёзию оморӣ дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва монанди инҳо хизмат намояд.

Барои расидан ба ҳадафи ниҳоии таҳқиқот унвонҷӯ **марҳилаҳои асосии таҳқиқотро** аз бар намудааст, ки он дар мантиқ ва сохтору мундариҷаи рисолаи илмӣ ба таври амиқ инъикос ёфтааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои имтиҳонои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун маълумоти таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия таҷассум ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, дастгоҳи илмии диссертатсия амиқ андешида шуда, ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ аст.

3. Сохтор ва мӯҳтавои диссертатсия

Муҳаққиқ натиҷаи кори анҷомдодаашро дар муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва таклифу пешниҳодҳо инъикос намуда, аз адабиёти қобили қабул истифода кардааст. Рисола дар ҳаҷми 177 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф гардидааст.

Интихоби дастгоҳи илмии мувофиқ ба мантиқи таҳқиқот, доираи кофии сарчашмаҳои илмию методӣ ва таълимию иттиллотӣ, методология ва пойгоҳи таҳқиқот, дар маҷмӯъ, аз амиқ андешида шудани сохтори диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия талаботи мавҷуда нисбат ба бандубасти қисмати илмии рисолаҳои илмӣ пурра риоя гардида, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мубрамияти

мавзӯъ, сатҳи омӯзиш ва коркарди он, ҳадаф, объект ва предмети таҳқиқот, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот ва қисматҳои дигари муҳими диссертатсия ба таври возеҳу равшан арзёбӣ гарданд. Муқаддимаи рисола ба меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ, ба вижа рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ аст.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои назариявӣ, методология ва воситаҳои арзёбии натиҷаҳои таълим» ба гуногунии назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои таҳқиқотӣ оид ба таърифи мафҳуми «сифати таҳсилот», тестгузаронии педагогӣ ва имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, дар фасли якум, унвонҷӯ ба омӯзиш ва таҳлили таърифи мафҳуми «сифати таҳсилот» аз рӯйи нуқтаи назари як қатор олимон машғул шуда, дар ин замина оид ба мураккабӣ ва бисёрҷабҳагии мафҳуми мазкур хулосабарорӣ намудааст. Ҳамзамон, таърифи нисбатан мукаммалтари мафҳуми «сифати таҳсилот»-ро бо фарогирии маҷмӯи тавсифҳои ба ҳам алоқаманди раванди таҳсилот пешниҳод намудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур, муаллиф усули тестгузаронии педагогиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар он тавсифҳои ин усул ва бартариҳои онро дар қиёс бо усулҳои дигар ҷой додааст. Аз ҷумла, дарҷ карда шудааст, ки тестгузаронии педагогӣ усули бештар стандартишуда ва объективонаи санҷишу арзёбии дастовардҳои таълимӣ буда, аз чунин нуқсонҳо, ба мисли гуногунии талабот, ғаразнокии санҷишгарон ва номуайянии тартиби баҳогузорӣ орӣ аст. Муаллиф оғози татбиқи васеи усули тестгузаронии педагогиро дар шакли марказонидашуда ва фарогирандаи миқёси калон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар ба соли 2014 – соли нахустини роҳандозии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ҳисобида, таъкид месозад, ки ворид шудани низоми мазкур ба фазои таҳсилоти ҷумҳурӣ таккони ҷиддиеро дар самти татбиқи васеи усули тестгузаронӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот бахшидааст.

Фасли сеюми боби якум ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бахшида шудааст, ки дар он муаллиф маълумоти умумӣ ва мушаххаси тавсифию омориро оид ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ овардааст, ки бевосита ба иҷрои кори таҳқиқотӣ алоқаманданд. Зимни таҳлилу баррасии низоми мазкур, муаллиф чунин хулосабарорӣ мекунад, ки «ба инобати вижагиҳои низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ: ба якборагӣ фаро гирифта шудани шумораи зиёди довталабон дар марказҳои имтиҳонӣ, дар як вақт баргузор гардидани имтиҳонҳо, истифода шудани маводи санҷишию андозагирии комилан яксон, ба таври мутамарказ ба роҳ монда шудани коркарди маводи имтиҳон ва аз рӯйи меъёрҳои ягона арзёбӣ кардани натиҷаҳо, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун татбиқгари усули тестгузаронии педагогии мутамарказ ва фарогир ба ҳисоб меравад».

Тайи шаш соли аввали роҳандозӣ, аз соли 2014 то соли 2019, низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ аз рӯйи сохтор ва хусусиятҳои ягонаю бетағйир роҳандозӣ гардидааст, ки аз он муаллиф ҳамчун «тарҳи қаблӣ» ном мебарад. Аз соли 2020 инҷониб, дар низоми мазкур тарҳи нави маҷмӯи фанҳои имтиҳон ворид карда шудааст, ки он аз доираи таҳқиқоти баррасишаванда берун аст.

Тарҳи қаблии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ якчанд қисми имтиҳонро фаро мегирад, ки танҳо дар ду қисм усули тестгузаронии педагогӣ истифода мешавад: якум, қисми А – имтиҳони умумӣ, ки барои муайян кардани сатҳи дониши функсионалӣ ва иҷтимоии довталаб пешбинӣ шуда, супоридани он барои ҳамаи

довталабон ҳатмӣ аст ва дуюм, қисми Б – имтиҳони ихтисос, ки барои муайян намудани сатҳи донишу маҳорати довталаб аз рӯйи самтҳо – гурӯҳи ихтисосҳои интихобкардааш равона гардидааст. Сохтори ҳарду қисми мазкур аз се субтестӣ иборат аст. Қисми А аз субтестҳои А.1 – «Забони тоҷикӣ», А.2 – «Математика» ва А.3 – «Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ» иборат буда, қисми Б вобаста аз талаботи гурӯҳи ихтисосҳо фанҳои таълимии гуногунро дар бар мегирад. Таҳқиқоти мазкур ба коркард ва таҳлилу ташхиси натиҷаҳои танҳо қисми А бахшида шудааст.

Шумораи умумии довталабони дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ тайи солҳои 2014-2019 аз қайд гузашта – хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар заминаи синфи 11-ум), дар умум, 497 870 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 460 415 нафарашон дар имтиҳони қисми А иштирок кардаанд. Натиҷаҳои аз имтиҳони қисми А бадастовардаи ҳамин шумораи довталабон ҳамчун пойгоҳи маълумоти таҷрибавии таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Бояд эътироф намуд, ки коркарди чунин пойгоҳи маълумоти калонҳаҷм кори саҳлу осон набуда, заҳмати зиёдро талаб мекунад ва дар ин асно эътимоднокии натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст овардаро таъмин месозад.

Дар боби дуюми диссертатсия «Натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун пойгоҳи маълумот дар арзёбии сифати таҳсилоти умумӣ» тавсифи сохтор ва хусусиятҳои субтестҳои имтиҳони қисми А, усул ва воситаҳои оморию риёзӣ барои таҳлилу арзёбии натиҷаҳои тестгузаронӣ оварда шуда, дар он динамикаи натиҷаҳои субтестҳои ин қисми имтиҳон барои солҳои баррасишаванда (солҳои 2014-2019) таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Зимни омӯзиш ва истифодаи як қатор усулҳои оморию риёзӣ дар коркард ва таҳлилу арзёбии натиҷаҳои тестгузаронӣ, унвонҷӯ ду усули муаллифиро барои таҳлили натиҷаҳои тестгузаронӣ таҳия ва пешниҳод намудааст. Якум, усули баргардонидани холҳои тест ба баҳоҳои анъанавӣ: «2», «3», «4» ва «5». Дуюм, усули муқоиса кардани бузургиҳои ҳамгун ҳангоми муайян кардани мавқеи ин ё он омил дар асоси натиҷаҳои тестгузаронӣ. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳарду усули муаллифии пешниҳоднамудаи муҳаққиқ хеле ҷолиб мебошанд.

Коркард ва таҳлилу натиҷагирии пойгоҳи маълумоти таҷрибавӣ дар такя ба усул ва воситаҳои маъмулии риёзию оморӣ: ченакҳои тамоюли марказӣ роҳандозӣ гардида, динамикаи се нишондиҳандаи асосии омори тавсифӣ: мода, медиана ва миёнаи арифметикӣ барои ҳар як субтести имтиҳони қисми А таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвонҷӯ дар диссертатсия 51 ҷадвал ва 27 расмро ҷой додааст.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ масъалаҳои бамиёнгузоштаашро натиҷагирӣ намуда, оид ба муҳимияти ҳар қисмати он дар самти ташаккул ва рушди тестшиносӣ ва андозагириҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бечунучаро дар барои баланд бардоштани сифати таҳсилоти зинаҳони гуногуни муассир хоҳанд буд, андешаву назари худро дар шакли хулосаҳои мантиқии назаррас, тавсия ва таклифу пешниҳодҳои ҷолибу мувофиқ иброз доштааст.

Кори таҳқиқотӣ аз рӯйи мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша хеле бою ғанӣ ва фаҳмою моҳирона иҷро карда шудааст. Забон ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ ва соддаю равон мебошад.

4. Истифодаи сарчашмаҳои илмӣ ва интишороти муаллиф

Унвонҷӯ дар робита ба мавзӯи таҳқиқотии интихобкардааш аз сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода намудааст, ки шумораи онҳо дар рӯйхати адабиёти истифодашуда ба 225 адад мерасад. Зимни омӯзиш ва таҳлили онҳо унвонҷӯ мундариҷа, вазифа, усулҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию назариявӣ, муҳтавои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсияро тарҳрезӣ намудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Р. С. ҳолатҳои бидуни иқтибос истифода шудани мавод аз сарчашмаҳои илмӣ мушоҳида карда намешаванд. Дар ҳама ҳолатҳои истифода шудани иқтибос ва маводи сарчашмаҳои дигар истинод ба адабиёти мувофиқ дуруст нишон дода шудааст.

Натиҷаи асосии назариявию амалии таҳқиқот дар 23 мақолаи илмии ба табъ расонидаи муаллиф, аз ҷумла, дар 12 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашршуда: Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, «Номаи донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав инъикос ёфтаанд.

Доир ба мазмун ва мундариҷаи асосии рисола Назарзода Р. С. дар як қатор конференсияҳои сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ ва назариявӣ фаъолона иштирок варзида, бо маърӯза баромадҳо кардааст. Аз ҷумла: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 17-18 ноябри соли 2017); конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Инкишофи технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: самтҳои афзалиятнок ва инноватсионӣ» (Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, 29 сентябри соли 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илммию назариявӣ дар мавзӯи «Тайёр намудани омӯзгорони замони нав дар раванди татбиқи навгониҳои педагогӣ» (Донишгоҳи давлатии Данғара, 5-6 октябри соли 2018); конференсияи XI байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Таҳлили компютерии масоилҳои илм ва технология» (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 27-28 декабри соли 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои забоншиносии иттилоотӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва таълимӣ» (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 23 феврали соли 2019); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва стратегияҳо» (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 26-27 апрели соли 2019); конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳалли онҳо» (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 23 ноябри соли 2019); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Дурнамои рушди илм ва маориф» (Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, 27-28 ноябри соли 2019); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангии Осиёи Миёна» (Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 29-30 ноябри соли 2019).

Дар интишороти муаллиф натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои умумии таҳқиқот ва таклифу пешниҳодҳои ӯ инъикоси худро ёфтаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманданд.

5. Муътамадӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот

Муътамадӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар такя ба бандҳои асосии зерин таъмин карда мешаванд: омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои зиёди илмии марбут ба мавзӯи таҳқиқот; истифодаи дастовардҳои педагогикаи муосир дар коркард ва таҳлили пойгоҳи маълумоти таҷрибавӣ; ҳамбастагии методология ва услуби таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ; истифодаи саволу масъалаҳои тест ҳамчун воситаи самараноки санҷишу арзёбии объективона ва мустақили дастовардҳои таълимӣ; давомнокии кофии вақти баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва шумораи зиёди довталабон – хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти таҳлилҳои риёзию омории натиҷаҳои тестгузаронӣ; ҷамъбаст ва умумигардонии маълумоти аз натиҷаи коркарди пойгоҳи маълумоти таҷрибавӣ бадастомада; мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба предмет, мақсад, вазифаҳо ва мантиқи ичрои он; иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳалаҳои низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ; таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи фанҳои ба раванди коркарди маълумот алоқаманд; иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ дар дохил ва хориҷи кишвар аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд.

6. Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия

Автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи кори таҳқиқотӣ дар ду забон: тоҷикӣ ва русӣ ба таври фаҳмою фасеҳ таҳия гардида, ба талаботи вижа ҷавобгӯ аст ва сохтори амиқи рисола, хусусияти пайдарпайи ичрои вазифаҳои таҳқиқотӣ ва муҳтавои асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Он муҳтавои асосӣ ва сохтори диссертатсияро дар шакли мухтасар фаро гирифта, мубрамият, навгониҳои илмии мавзӯи таҳқиқотӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, хулосаҳои асосӣ ва таклифу пешниҳодҳои таҳқиқотро асоснок намудааст.

7. Эродҳои дар диссертатсия ва автореферати он ҷойдошта

Дар қатори муваффақиятҳои зиёди ба даст овардаи унвонҷӯ, инчунин дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудию норасоиҳо роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор муфид хоҳад буд. Чунончи:

1. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, ки ба қалами олимони ватанӣ тааллуқ доранд, дар ҳаҷми нисбатан маҳдуд ба роҳ монда шудааст. Бино бар ин, хуб мебуд, агар дар рисола бештар ба омӯзиш ва таҳлилу баррасии назари олимони ватанӣ оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ такя карда мешуд.

2. Дар рисола бояд ба мавқеи дурусти истифодабарии баъзе калимаю ибора ва истилоҳҳо диққат дода шавад. Масалан, унвонҷӯ аз калимаҳои «додаҳо» ва «фарогир», ибораи «додаҳои таҷрибавӣ» ва истилоҳи «пойгоҳи додаҳо» истифода кардааст. Хуб мебуд, агар ба ҷойи онҳо, мувофиқан, «нишондод» (ё «маълумот»), «фаромиқёс», «маълумоти озмоишӣ» ва «манбаи маълумотӣ» истифода мешуд.

3. Ҳангоми таълифи рисола ва автореферат, дар баъзе саҳифаҳо муаллиф ба хатоҳои имлоию услубӣ низ роҳ додааст.

Маврид ба таъкиди хос аст, ки камбудиҳои болозикр ҷузъӣ буда, аслан характери тавсиявӣ доранд ва ҳаргиз наметавонанд ба мазмуну мундариҷа ва аслияти кори диссертатсионӣ таъсири манфӣ расонанд. Ислоҳи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати кори таҳқиқотӣ хоҳад буд.

8. Хулосаҳо

Муаллифи диссертатсия Назарзода Р. С. кори таҳқиқотии худро дар сатҳ ва дараҷаи матлуб ба анҷом расонида, дар ин раванд мустақилӣ, эҷодкорӣ ва малакаю маҳорати хуби муҳаққиқиро зоҳир намудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии он дар гузориши масъала – мавзӯи диссертатсия, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот таҷассум ёфтаанд. Натиҷа ва навгониҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар робита ба омӯзиш, таҳлил, ҷамъбаст ва хулосабарории натиҷаҳои илмӣ-назариявии ба доираи мавзӯи таҳқиқот алоқаманд кори ҷиддии назариявию амалӣ гузаронида шудааст, ки он чи аз нигоҳи назариявӣ ва чи аз нигоҳи амалӣ барои илми педагогикаи муосир, аз ҷумла, самтҳои тестшиносӣ ва андозагириҳои педагогӣ таҳқиқоти навин буда, дар рушди он саҳми арзандаи худро мегузорад.

Хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои илмӣ ва таклифу пешниҳодҳои унвонҷӯ дар мундариҷаи диссертатсия ва муҳтавои умумии автореферати он инъикос ёфтаанд, ки онҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд.

Ба сифати арзиши муҳими кори таҳқиқотӣ на танҳо мураттабию мантиқии баёни фикр, забони фасеҳи таълифи диссертатсия ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан мумкин аст, балки таклифу пешниҳодҳое, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, ҳар кадоме метавонанд ҳамчун дастоварди нави илмӣ хизмат намоянд.

Дар умум, баррасии диссертатсияи Назарзода Р. С. аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намуда, ба ҳадафи таҳқиқот ноил гардидааст. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот, ки дар ҷамъбасти рисол оварда шудаанд, фарзияи онро тасдиқ намуда, аз ҳаллу фасл шудани вазифаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

Сохтор ва мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифта, аз қобилияти хуби илмофарӣ барҳӯрдор будани унвонҷӯ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсия кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Мавзӯъ ва мазмуну мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад.

9. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи ВИЖА

Диссертатсияи унвонҷӯ Назарзода Р. С. дар мавзӯи «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот (дар мисоли низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он – Назарзода Рустам Саидмурод сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсия дар семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштирок ва баромади унвонҷӯ Назарзода Р. С. баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур бо тарафдории аксарияти иштирокчиён тасдиқ гардидааст (қарори ҷаласаи кафедра аз 8-уми майи соли 2021, № 5/2).

Тақриз аз тарафи ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Н. Шукурова омода карда шудааст.

Раисикунанда:
мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.п., дотсент **З. Ҷ. Наимов**

Роҳбари семинар:
н.и.п., дотсент **Т. А. Самиев**

Ташхисгар:
н.и.п., дотсент **Н. Шукурова**

Котиби ҷаласа: **Ш. Абдураҳимова**

8-уми майи соли 2021

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефонҳо: +992-37-224-13-83 (к), +992-91-865-71-94 (м).
Сомона: https://www.tgpu.tj. Почтаи электронӣ: ddot@tgpu.tj, info@tgpu.tj

Имзоҳои З. Ҷ. Наимов, Т. А. Самиев, Н. Шукурова ва Ш. Абдураҳимоваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ *Д. Қ. Назаров*